# ТАҚРИЗ

**ба автореферати унвонҷӯ Раҳмонзода Наргис Раҳмон дар мавзуи «Ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагон зимни таълими калима ва таъбирҳо», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ ихтисоси 5.3.5.3 Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ**

Меҳвари стратегии сиёсати кунунии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тарбияи шахсияти соҳибмаърифат ва дорои тафаккури интиқодӣ нигаронида шудааст. Дар ин масир, такмили фарҳанги нутқи хонандагон ба воситаи омузиши калимаву таъбирҳо унсури бунёдӣ аст. Пажуҳиши Раҳмонзода Н.Р. ба ҳалли яке аз муаммоҳои ҷиддии методика, яъне баланд бардоштани сатҳи қобилияти сухансанҷии хонандагон дар асоси усулҳои инноватсионӣ бахшида шудааст.

Диссертант дар давоми чор соли корҳои озмоишию таҷрибавӣ дар МТМУ-и вилояти Суғд заминаҳои воқеии методикаи худро санҷидааст.

Дар қисмати муқаддима муаллиф асосҳои илмию назариявии мавзуъро муайян карда, мубраммият, ҳадаф, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқотро возеҳ нишон додааст. Инчунин, дар ин қисмат фарзияи илмӣ, усулҳои таҳқиқот, марҳалаҳои иҷрои кор, навгонии илмӣ ва аҳаммияти амалии он ба таври дақиқ ифода ёфтаанд. Муаллиф муваффақ шудааст, ки асосноккунии илмии корро дар заминаи қонунгузории соҳаи маориф, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Қонуни забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи умумӣ» устувор намояд, ки ин аз дарки амиқи сиёсати маърифатии давлат гувоҳӣ медиҳад.

Боби якуми диссертатсия, ки **«Ҷанбаҳои назарии ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагон зимни таълими воҳидҳои луғавӣ»** ном дорад, заминаи мустаҳками назариявии таҳқиқотро ташкил медиҳад.

Боби дуюми рисола, ки **«Методикаи таълими калима ва таъбирҳо дар асоси стандарт, барнома ва китобҳои дарсӣ»** унвон дорад, ба таҳлили вазъи кунунии ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва методологияи таълими забони тоҷикӣ бахшида шудааст.

Боби сеюми рисола тахти унвони **«Корҳои озмоишию таҷрибавӣ оид ба ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагон дар раванди таълими калима ва таъбирҳо»** қисмати амалӣ ва исботкунандаи фарзияи илмии таҳкикотро ташкил медиҳад. Натиҷаи санҷишҳо дар шакли ҷадвалҳо ва диаграммаҳо дар гурӯҳҳои озмоишӣ нишон дода шудаанд.

Таҳқиқи мавзуи мазкур имкон дод, ки ба натиҷаҳои зерини илмӣ-назариявӣ ва амалӣ муайян гардид, ки калима ва таъбирҳо на танҳо қисми таркибии забон, балки воситаи асосии ташаккули тафаккур ва ҷаҳонбинии хонанда мебошанд ва омӯзиши мунтазами онҳо заминаи асосии гузариш аз низоми донишазхудкунӣ ба низоми салоҳиятнокӣ ба шумор меравад.

Навгонии илмии асар дар сохтани амсилаи методии муосир, ки раванди азхудкунии калимаҳоро бо вазъияти воқеии ҳаётӣ мепайвандад, зоҳир мешавад. Аҳаммияти амалии он дар таҳияи намунаҳои нақшаи тавзеҳии дарсҳо ва тавсияҳои мушаххас барои муаллимони мактабҳо ифода мeёбад, ки имкон медиҳад захираи луғавии шогирдон ба таври мунтазам бой гардад.

Сарфи назар аз бартариҳои зиёди кор, зарур аст, ки баъзе ҷанбаҳо такмил дода шаванд:

1. Дар матни автореферат (саҳ. 12) таҳлили хатоҳои маъмули хонандагон метавонист бо нишон додани намунаҳои бештари хатоҳои услубии нутқи хаттӣ васеътар гардад.

2. Нақши усули «Синквейн» ва «Харитаи семантикӣ» ба таври назариявӣ зикр шудааст, аммо хуб мешуд, ки намунаи пурраи як супориш дар заминаи ин методҳо оварда мешуд.

3. Дар қисмати адабиёти истифодашуда, баъзе сарчашмаҳои солҳои охир (2024-2025) ниёз ба танзими дақиқтари библиографӣ доранд.

Кори илмии пешниҳодшуда талаботи санадҳои меъёрии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро пурра қонеъ мегардонад. Муаллифи он Раҳмонзода Наргис Раҳмон, сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.3 Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ мебошад.

Муқарриз:
Номзади илмҳои педагогӣ,
дотсенти кафедраи забони давлатӣ ва
забонҳои хориҷии Донишкадаи кӯҳию
металлургии Тоҷикистон Ҷалолова Зӯҳро Абдусаломовна

"Имзои Ҷалолова Зӯҳро Абдусаломовнаро тасдиқ мекунам"
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДКМТ Мӯминова Д.М.

"3" сентябри соли 2026

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Бӯстон, кӯчаи А.Баротов 6
Телефон: (+9923451) 5-02-89, 5-01-75, факс: (+9923451) 5-06-34